# Шарҳи мухтасари
# натиҷаи назарсанҷии шаҳрвандон доир ба “Сабабҳои истифодабарии бештари пули нақд аз ҷониби аҳолӣ”
## *(аз 25-уми сентябр то 9-уми октябри соли 2017)*

Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ мутобиқи Фармоиши №2481/28 аз 13-уми сентябри соли 2017 аз санаи 25-уми сентябр то санаи 9-уми октябри соли 2017 назарсанҷии шаҳрвандонро доир ба сабабҳои истифодабарии бештари пули нақд аз ҷониби аҳолӣ баргузор намуд. Назарсанҷии мазкур мувофиқи таҷрибаи қаблӣ дар байни аҳолӣ, хусусан дар бозорҳо, маҳалҳо, корхонаю муассисаҳо ва бонкҳо гузаронида шуд.

Дар назарсанҷии мазкур зиёда аз 868 нафар респондентон иштирок намуда, фикру андешаҳои худро оид ба ҳар як саволи пурсишнома дар алоҳидагӣ иброз доштанд.

Саволи якум, дар пурсишнома бо мазмуни зерин ҷойгир карда шуда буд: “Шумо дар таъмини рӯзгоратон бештар пули нақд истифода мебаред ва ё ғайринақдӣ?”. Ба саволи мазкур 868 нафар респондентон ҷавоб гардонида чунин ибрози ақида намуданд, аз ҷумла: шумораи 862 нафар ё 99,3 фоиз дар таъмини рӯзгор бештар пули нақд ва танҳо 6 нафар ё 0,7фоизи респондентон қайд намуданд, ки бештар аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар таъмини рӯзгорашон истифода мебаранд. (*Диаграммаи 1., Ҷадвали 1.*).

***Диаграммаи 1., Ҷадвали 1. Истифодаи пули нақд ва ё ғайринақдӣ дар таъмини рӯзгор аз ҷониби респондентон (нафар/фоиз)***




| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо%) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштироккнамуда (нафар)* | **868** | **100,0** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | **868** | **100,0** |
| ***Шумо дар таъмини рӯзгоратон бештар пули нақд истифода мебаред ва ё ғайринақдӣ?*** | *868* | ***100,0*** |
| нақдӣ | 862 | 99,3% |
| ғайринақдӣ | 6 | 0,7% |

Саволи дуюм, дар Пурсишнома бо мазмуни зайл оварда шуда буд “Сабаб дар чист, ки Шумо пули нақдро бештар истифода мебаред?”. Нисбати ин савол аз ҷониби респондентон 891 ҷавоб манзур гардид, ки он аз шумораи респондентони дар назарсанҷӣ иширокдошта, бо сабаби якчанд ҷавоброинтихоб намудани респондентон зиёд мебошад. *(Ҷадвали 2.).*

***Ҷадвали 2. Сабабҳои бештар истифода бурдани пули нақд аз ҷониби аҳолӣ(нафар/ фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | **868** | **100,0** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | **891** | **102,6** |
| **Сабаб дар чист, ки Шумо пули нақдро бештар истифода мебаред?** | 891 | **100,0** |
| хариди молу ашё осон аст | 520 | 58,4% |
| дар марказҳои савдо дастгоҳи истифодаи корти пардохтӣ мавҷуд нест | 174 | 19,5% |
| дар марказҳои савдо бештар пули нақдро мегиранд | 59 | 6,6% |
| талабот ба пули нақд зиёд аст | 114 | 12,8% |
| дигар | 24 | 2,7% |

Ақидаи респондентон доир ба саволи мазкур чунин ҷамъбаст гардид: теъдоди 520 нафар ё 58,4 фоиз қайд намуданд, ки бо сабаби осон будани хариди молу ашё, 174 нафар ё 19,5 фоиз мавҷуд набудани дастгоҳи истифодабарии корти пардохтӣ дар марказҳои савдо, 59 нафар ё 6,6 фоиз дар марказҳои савдо бештар гирифтани пули нақд, 114 нафар ё 12,8 фоиз бо сабаби зиёд будани талабот ба пули нақд ва 24 нафар ё 2,7 фоиз бо дигар сабабҳо бештар пули нақдро истифода мебаранд. *(Диаграммаи 2.).*

***Дигараммаи 2. Истифодаи бештари пули нақд (нафар/ фоиз)***




Саволи сеюми дар пурсишнома ба таври зерин оварда шуда буд: “Оё Шумо амалиётҳои ғайринақдиро истифода мебаред?”. Бояд қайд кард, ки ба саволи мазкур 860 нафар ё 99,1 фоизи

респондентон ҷавоб гардониданд, аз ҷумла: теъдоди 117 нафар ё 13,6 фоизи респондентон иброз доштанд, ки амалиёти ғайринақдиро истифода мебаранд, вале шумораи 743 нафар ё 86,4 фоиз иброз намуданд, ки амалиёти ғайринақдиро истифода намебаранд. *(Ҷадвали 3., Диаграммаи 3.).*

***Ҷадвали № 3., Диаграммаи 3. Истифодабарии амалиётҳои ғайринақдӣ (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (%) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | **868** | **100,0** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | **860** | **99,1** |
| ***Оё Шумо амалиётҳои ғайри нақдиро истифода мебаред?*** | 860 | 100,0 |
| ҳа | 117 | 13,6 |
| не | 743 | 86,4 |




Қайд кардан ба маврид аст, ки саволи мазкур дар пурсишнома ба ду қисм ҷудо карда шуд, "Ҳа" респондентоне, ки амалиётҳои ғайринақдиро истифода мебаранд ва "Не" респондентоне, ки чунин амалиётҳоро истифода намебаранд.

Ба қисмати якуми саволи мазкур, ки дар пурсишнома ба таври зерин оварда шуда буд: яъне, "Агар "ҳа" дар кадом мавридҳо амалиёти ғайринақдиро анҷом медиҳед?" теъдоди 203 нафар ё 23,4 фоизи респондетон ҷавоб доданд, ки амалиёти ғайринақдиро истифода мебаранд, аз ҷумла: 104 нафар ё 51,2 фоиз ҳангоми хариду молу ашё, 50 нафар ё 24,6 фоиз барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, 5 нафар ё 2,5 фоиз барои пардохти ҳаққи иҷора, 18 нафар ё 8,9 фоиз ҳангоми хизматрасонии телефони мобилӣ. Инчунин теъдоди 9 нафар ё 4,4 фоиз қайд намуданд, ки амалиётҳои ғайринақдиро бо дигар мақсадҳо истифода бурда, 2 нафар ё 1,0 фоиз барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Аз шумораи умумии респондентон 15 нафар ё 7,4 фоиз қайд намуданд,

ки амалиётӣ ғайринақдиро умуман истифода намебаранд. *(Диаграммаи 4., Ҷадвали 4.).*

***Дигараммаи 4., Ҷадвали 4. Мавридҳои истифодабарии амалиёти ғайринақдӣ аз ҷониби респондентон (фоиз/нафар)***




| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (%) |
|---|---|---|
| *3.1 Агар ҳа дар кадом мавриду амалиёти ғайринақдиро анҷом медиҳед?* | 203 | 100,0% |
| ҳангоми хариди молу ашё | 104 | 51,2% |
| ҳангоми пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ | 50 | 24,6% |
| ҳангоми пардохти ҳаққи иҷора | 5 | 2,5% |
| ҳангоми пардохти хизматрасонии телефони мобилӣ | 18 | 8,9% |
| умуман истифода намебарам | 15 | 7,4% |
| дигар | 9 | 4,4% |
| ҷавоб мушкил аст | 2 | 1,0% |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида аз рӯи қисми дувуми саволи мазкур, ки дар пурсишнома ба таври зерин ҷойгир карда шуда буд: “Агар “не” чӣ мушкилот мавҷуд аст, ки Шумо амалиётҳои ғайринақдиро истифода намебаред?” теъдоди 875 нафар респондентон ибрози ҷавоб гардониданд. (Ҷадвали 5.).

***Ҷадвали 5. Шумораи респондентоне, ки амалиётҳои ғайринақдиро истифода намебаранд (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (%) |
|---|---|---|
| *3.2 Агар не чӣ мушкилот мавҷуд аст, ки Шумо амалиётҳои ғайринақдиро истифода нам* | 875 | 100,0% |
| корти пардохтии бонкӣ надорам | 345 | 39,4% |
| корти пардохтии бонкиро истифода бурда наметавонам | 115 | 13,1% |
| ба ин амалиёт боварӣ надорам | 58 | 6,6% |
| хароҷотҳои ин амалиёт баланд аст | 60 | 6,9% |
| ба ин амалиётҳо эҳтиёҷ надорам | 94 | 10,7% |
| истифодаи пули нақд осонтар аст | 124 | 14,2% |
| дигар | 37 | 4,2% |
| ҷавоб мушкил аст | 42 | 4,8% |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида аз теъдоди 875 нафар респондентоне, ки амалиётҳои ғайри нақдиро истифода намебарад сабаби онро чунин иброз намуданд, аз ҷумла: 345 нафар

ё 39,4 фоиз корти пардохтии бонкӣ надоранд, 115 нафар ё 13,1 фоиз корти пардохтии бонкиро истифода бурда наметавонанд, 58 нафар ё 6,6 фоиз ба ин амалиёт эҳтиёҷ надоранд, 60 нафар ё 6,9 фоиз хароҷоти ин амалиётро баланд мешуморанд, 124 нафар ё 14,2 фоиз дар он ақидаанд, ки истифодаи пули нақд осонтар аст, 37 нафар ё 4,2 фоиз бо дигар сабаб амалиётҳои ғайринақдиро истифода намебаранд, 94 нафар ё 10,7 фоиз барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкили кашиданд, 42 нафар ё 4,8 фоиз барои ҷавоб гардонидан ба ин савол мушкилӣ кашиданд. (Диаграммаи 5.).

***Дигараммаи 5. Сабаб ва мушкилотҳо барои истифода набурдани амалиётҳои ғайринақдӣ (нафар/фоиз)***




Саволи чорум дар пурсишнома ба таври зерин ҷойгир карда шуда буд: “Шумо кадом намуди хизматрасониҳои электронии бонкиро истифода мебаред?”. Теъдоди ҷавобҳо аз рӯи саволи мазкур 873 ададро ташкил дод, ки 100,6 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил медод. Қобили зикр аст, ки барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур респондентон озодона метавонистанд як ва ё якчанд ҷавобро интихоб намоянд. *(Ҷадвали 6.).*

***Ҷадвали 6. Истифодабарии хизматрасониҳои электронии бонкӣ (нафар/фоиз)***

| **Нишондиҳанда** | **Теъдоди ҷавобҳо (нафар)** | **Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо % )** |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | ***868*** | ***100,0*** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | ***873*** | ***100,6*** |
| ***4. Шумо кадом намуди хизматрасониҳои электронии бонкиро истифода мебаред?*** | *873* | ***100,0*** |
| кортҳои пардохтии бонкӣ | 162 | 18,6 |
| бонки мобилӣ | 112 | 12,8 |
| интернет- бонк | 82 | 9,4 |
| истифода намебарам | 339 | 38,8 |
| ҷавоб мушкил аст | 94 | 10,8 |
| дигар | 84 | 9,6 |

Аз шумораи умумии ҷавобҳо, ки 873 ададро ташкил медод теъдоди 162 нафар ё 18,6 фоиз қайд намуданд, ки аз хизматрасониҳои электронии бонкӣ бештар кортҳои пардохтии бонкӣ, 112 нафар ё 12,8 фоиз бонки мобилӣ, 82 нафар ё 9,4 фоиз интернет-бонкро истифода мебаранд. Ҳамзамон 339 нафар ё 38,8 фоиз ошкоро иброз намуданд, ки хизматрасониҳои электронии бонкиро истифода намебаранд, 94 нафар ё 10,8 фоиз барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашида ва 84 нафар ё 9,6 фоиз қайд намуданд, ки дигар намуди хизматрасониҳои электронии бонкиро истифода мебаранд. *(Диагараммаи 6.).*

***Дигараммаи 6. Мушкилотҳои истифода набурдани амалиётҳои ғайринақдӣ (нафар/фоиз)***




Саволи панҷум дар пурсишнома ба таври зерин ҷойгир карда шуда буд: "Шумо хизматрасонии бонки мобилиро бо кадом мақсад истифода мебаред?". Нисбати саволи мазкур 854 нафар ё 98,4 фоизи ҳаҷми умумии респондентон ҷавоб гардониданд. *(Ҷадвали 7.).*

***Ҷадвали 7. Мақсадҳои истифодабарии хизматрасонии бонки мобилӣ (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо%) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштироккнамуда (нафар)* | ***868*** | ***100,0*** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | ***854*** | ***98,4*** |
| **Шумо хизматрасонии бонки мобилиро бо кадом мақсад истифода мебаред?** | 854 | 100,0 |
| пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ | 93 | 10,9 |
| пардохти хизматрасониҳои телефони мобилӣ | 119 | 13,9 |
| маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ | 74 | 8,7 |
| пардохти хариду фурӯши молу ашё | 84 | 9,8 |
| қарзадокунӣ | 64 | 7,5 |
| истифода намебарам | 325 | 38,1 |
| дигар | 72 | 8,4 |
| ҷавоб мушкил аст | 23 | 2,7 |

Аз теъдоди умумии респондентоне, ки ба саволи мазкур ҷавоб додаанд, 93 нафар ё 10,9 фоиз қайд намуданд, ки хизматрасонии бонки мобилиро бо мақсади пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, 119 нафар ё 13,9 фоиз пардохти хизматрасониҳои телефони мобилӣ, 74 нафар ё 8,7 фоиз барои маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ, 84 нафар ё 9,8 фоиз барои пардохти хариду фурӯши молу ашё, 64 нафар ё 7,5 фоиз барои қарзадокунӣ истифода бурда, 72 нафар ё 8,4 фоиз хизматрасонии мазкурро бо дигар мақсад ва ба 23 нафар ё 2,7 фоиз барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Аз теъдоди умумии ҷавобҳо шумораи 325 нафар ё 38,1 фоиз иброз доштанд, ки умуман ин намуди хизматрасониро истифода намебаранд. (Диаграммаи 7.).

***Дигараммаи 7. Мақсадҳои истифодабарии хизматрасонии бонки мобилӣ***

***( фоиз)***




Ба саволи шашуми пурсишнома, ки чунин оварда шуда буд: “Шумо хизматрасонии интернет-бонкро бо кадом мақсад истифода мебаред?” теъдоди 901 адад ҷавоб ҷамъбаст карда шуд. Мебояд зикр кард, ки респондентон барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур метавонистанд аз як то якчанд ҷавобро интихоб намоянд, аз ин рӯ шумораи ҷавобҳо нисбати шумораи респондентони дар назарсанҷии мазкур иштироκнамуда 3,8 фоиз зиёд мебошад.*(Ҷадвали 8.).*

***Ҷадвали 8. Мақсадҳои истифодабарии хизматрасонии интернет-бонк (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо % ) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | ***868*** | ***100,0*** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | ***901*** | ***103,8*** |
| ***Шумо хизматрасонии интернет- бонкро бо кадом мақсад истифода мебаред?*** | *901* | *100,0* |
| пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ | 64 | 7,1 |
| қарзадокунӣ | 72 | 8,0 |
| пардохти хариду фурӯши молу ашё | 95 | 10,5 |
| пардохти хизматрасонии телефони мобилӣ | 98 | 10,9 |
| маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ | 22 | 2,4 |
| истифода намебарам | 520 | 57,7 |
| дигар | 13 | 1,4 |
| ҷавоб мушкил аст | 17 | 1,9 |

Аз шумораи умумии 901 адад ҷавобҳои пешниҳодгардидиа хизматрасонии интернет-бонкро бо мақсадҳои зерин, аз ҷумла: 64 нафар ё 7,1 фоиз барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, 72 нафар ё 8,0 фоиз барои қарзадокунӣ, 95 нафар ё 10,5 фоиз барои пардохти хариду фурӯши молу ашё, 98 нафар ё 10,9 фоиз барои пардохти хизматрасони телефони мобилӣ, 22 нафар ё 2,4 фоиз барои маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ, 13 нафар ё 1,4 фоиз барои дигар мақсадҳо истифода мебаранд. Теъдоди 17 нафар ё 1,9 фоизи респондентон барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Дар баробари ин теъдоди 520 нафар ё 57,7 фоизи дигар қайд намудаанд, ки хизматрасонии интернет-бонкро умуман истифода намебаранд. *(Диаграммаи 8.).*

***Дигараммаи 8. Мақсадҳои истифодабарии хизматрасонии интернет-бонк (фоиз)***




Саволи навбатӣ дар пурсишнома бо мазмуни зайл ҷойгир карда шуда буд: "Оё Шумо корти пардохтии бонкӣ доред ва онро

истифода мебаред?”. Ба саволи мазкур 863 нафар ҷавоб доданд, ки 99,4 фоизи ҳаҷми умумии респондентонро ташкил медиҳад. *(Ҷадвали 9.).*

**Ҷадвали 9. Соҳиби корти пардохтии бонкӣ будан ва ё надоштани корти пардохтии бонкӣ (нафар/фоиз)**

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо%) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | ***868*** | ***100,0*** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | ***863*** | ***99,4*** |
| **Оё Шумо корти пардохтии бонкӣ доред ва онро истифода мебаред?** | 863 | 100,0 |
| ҳа | 302 | 35,0 |
| не | 561 | 65,0 |

Аз шумораи умумии респондентоне, ки ба саволи мазкур ҷавоб гардониданд(863 нафар), теъдоди 302 нафар ё 35 фоиз қайд намуданд, ки корти пардохтии бонкӣ доранд ва онро истифода мебаранд вале теъдоди 561 нафар ё 65,0 фоизи дигар иброз намуданд, ки корти пардохтии бонкӣ надоранд ва онро истифода бурда наметавонанд. *(Диаграммаи 9.).*

**Дигараммаи 9. Соҳиби корти пардохтии бонкӣ будан ва ё надоштани корти пардохтии бонкӣ (нафар/фоиз)**




Саволи ҳаштум дар пурсишнома бо мазмуни зерин ҷойгир карда шуда буд: “Шумо хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкиро бо кадом мақсад бештар истифода мебаред?”. Ба саволи мазкур аз ҷониби респондентон зиёда аз 922 адад ҷавоб пешниҳод гардид, ки 106,2 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил медиҳад. Сабаби зиёд будани шумораи ҷавобҳо нисбати шумораи респондентон дар он аст, ки респондентон метавонистан барои

ҷавоб гардонидан ба ин савол аз як то якчанд ҷавобро интихоб намоянд. *(Ҷадвали 10.).*

**_Ҷадвали 10. Мақсадҳои истифодабарии корти пардохтии бонкӣ (нафар/фоиз)_**

| *Нишондиҳанда* | *Теъдоди ҷавобҳо(нафар)* | *Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо ( бо %)* |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | **868** | **100,0** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | **922** | **106,2** |
| ***Шумо хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкиро бо кадом мақсад бештар истифода*** | *922* | *100,0* |
| гирифтани музди меҳнат | 119 | 12,9 |
| харидории молу хизматрасониҳо | 65 | 7,0 |
| гирифтани нафақа | 29 | 3,1 |
| хариди дигар воситаҳо | 98 | 10,6 |
| пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ | 101 | 11,0 |
| истифода намебарам | 437 | 47,4 |
| дигар | 64 | 6,9 |
| ҷавоб мушкил аст | 9 | 1,0 |

Аз маълумотҳои ҷамъбастгардида мушоҳида мегардад, ки аз 922 адад ҷавоби гирифташуда теъдоди 119 нафар ё 12,9 фоиз кортҳои пардохтии бонкиро барои гирифтани музди меҳнат, 65 нафар ё 7,0 фоиз барои харидории молу хизматрасониҳо, 29 нафар ё 3,1 фоиз барои гирифтани нафақа, 98 нафар ё 10,6 фоиз барои хариди дигар воситаҳо, 101 нафар ё 11,0 фоиз барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ва 64 нафар ё 6,9 фоиз бо дигар мақсадҳо истифода мебаранд. Аз шумораи умумии ҷавобҳо 9 нафар ё 1,0 фоиз барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Ҳамзамон, 437 нафар ё 47,4 фоизи респондентон қайд намуданд, ки кортҳои пардохтии бонкиро истифода намебаранд. *(Диаграммаи 10.).*

**_Дигараммаи 10. Мақсадҳои истифодабарии корти пардохтии бонкӣ (фоиз)_**



Ба саволи дигари назарсанҷӣ, яъне “Шумо мехоҳед қисме аз даромади моҳонаатонро дар бонк ҳамчун воситаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ нигоҳ доред?” теъдоди 866 нафар ё 99,8 фоизи респондентон ҷавоб пешниҳод намуданд. *(Ҷадвали 11.).*

**_Ҷадвали 11. Хоҳиши аҳолӣ оид ба нигоҳ доштани қисме аз даромади моҳонаи худ дар бонк ҳамчун воситаи ҳисобббаробаркунии ғайринақдӣ (нафар/фоиз)_**

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо%) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | **868** | **100,0** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | **866** | **99,8** |
| **Шумо мехоҳед қисме аз даромади моҳонаатонро дар бонк ҳамчун воситаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ нигоҳ доред?** | 866 | 100,0 |
| ҳа | 242 | 27,9 |
| не | 588 | 67,9 |
| ҷавоб мушкил аст | 36 | 4,2 |

Аз шумораи умумии респондентони ба ин савол ҷавоб пешниҳоднамуда теъдоди 242 нафар ё 27,9 фоиз қайд намуданд, ки мехоҳанд қисме аз даромади моҳонаи худро дар бонк ҳамчун воситаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ нигоҳ доранд. Мутаассифона қисми зиёди респондентон шумораи 588 нафар ё 67,9 фоиз қайд намуданд, ки намехоҳанд қисми даромади моҳонаи худро дар бонк барои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ нигоҳ доранд. Теъдоди 36 нафар ё 4,2 фоизи дигар барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкилӣ кашидаанд. *(Диаграммаи 11.).*

**_Дигараммаи 11. Ҳоҳиши аҳолӣ оид ба нигоҳ доштани қисме аз даромади моҳонаи худ дар бонк ҳамчун воситаи ҳисобббаробаркунии ғайринақдӣ (фоиз)_**




Саволи даҳум дар пурсишнома бо мазмуни зерин ҷойгир карда шуда буд: “Сабаб дар чист, ки Шумо бештар маблағҳои

нақдии худро дар хона ва ё дар ҷои дигар нигоҳ медоред на дар бонкҳо?", ки аз ҷониби респондентон 887 адад ҷавоб пешниҳод гардид, ки 102,2 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил медиҳад. Дар интихоби ҷавоб ба саволи мазкур низ респондентон озодона метавонистад аз як то якчанд ҷавобро гардонанд. Аз ин сабаб шумораи ҷавобҳо нисбати шумораи респондентон зиёд мебошад. *(Ҷадвали 12.).*

***Ҷадвали 12. Сабабҳои дар бонк нигоҳ надоштани маблағҳои худ дар бонкҳо аз ҷониби аҳолӣ (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо%) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | ***868*** | ***100,0*** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | ***887*** | ***102,2*** |
| **Сабаб дар чист, ки Шумо бештар маблағҳои нақдии худро дар хона ва ё дар ҷои дигар нигоҳ медоред на дар бонкҳо?** | 887 | 100,0 |
| ба бонкҳо боварӣ надорам | 444 | 50,1 |
| ба бонкҳо эътиқод надорам | 95 | 10,7 |
| маблағи қаблан гузоштаамро аз бонк бозпас гирифта наметавонам | 82 | 9,2 |
| хизматрасониҳои бонкҳо қаноаткунанда нестанд | 95 | 10,7 |
| даромад намебинам | 42 | 4,7 |
| дигар | 64 | 7,2 |
| чавоб мушкил аст | 65 | 7,3 |

Аз Шумораи умумии ҷавобҳо теъдоди 444 нафар ё 50,1 фоизи респондентоне, ки ба саволи мазкур ҷавоб гардониданд, қайд намуданд, ки бо сабаби боварӣ надоштан ба бонкҳо пули нақди худро на дар бонкҳо, балки дар хона ё дигар ҷойҳо нигоҳ медоранд. Ҳамзамон, теъдоди 95 нафар ё 10,7 фоизи дигари респондентон иброз доштанд, ки ба бонкҳо эътиқод надоранд. Шумораи 82 нафар ё 9,2 фоиз қайд кардаанд, ки маблағҳои қаблан ба бонкҳо гузоштаашонро аз бонк бозпас гирифта наметавонанд. Теъдоди 95 нафар ё 10,7 фоизи респондентон хизматрасониҳои бонкҳоро қаноаткунанда намешуморанд ва 42 нафар ё 4,7 фоизи дигар қайд намуданд, ки аз ин гуна амалиётҳо даромад намегиранд.

Ҳамзамон, теъдоди 64 нафар ё 7,2 фоиз бо дигар сабабҳо пули нақдии худро дар бонк нигоҳ намедоранд ва 65 нафар ё 7,3 фоизи дигар барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. *(Диагараммаи 12.).*

***Дигараммаи 12. Сабабҳои дар бонк нигоҳ надоштани маблағҳои нақдии аҳолӣ (нафар/фоиз)***




Қобили зикр аст, ки мувофиқи саволҳое, ки дар пурсишнома ҷойгир намудем респондентон барои интихоби ҷавоб ба онҳо озод буданд ва баъзе саволҳо дар пурсишнома мавҷуд буданд, ки респондент метавонист як ва ё якчанд ҷавобро интихоб намояд. Аз ин рӯ ҷавоби респондентон дар баъзе саволҳо аз шумораи умумии респондентони дар назарсанҷии мазкур иштироккнамуда зиёдтар ба назар мерасад.

Саволи ёздаҳум дар пурсишнома бо мазмуни зайл оварда шуда буд: “Кадом намуди хизматрасониҳои бонкӣ бештар ба фаъолияти Шумо кӯмак мерасонад?”. Нисбати саволи мазкур 871 адад ҷавоб ҷамъбаст гардид, ки 100,3 фоизи респондентонро ташкил медиҳад. *(Ҷадвали 13.).*

***Ҷадвали 13. Намуди хизмарасониҳои бонкие, ки бештар ба фаъолияти респондентон кӯмак мерасонад (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштироккнамуда (нафар)* | ***868*** | ***100,0*** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | ***871*** | ***100,3*** |
| **Кадом намуди хизматрасониҳои бонкӣ бештар ба фаъолияти Шумо кӯмак мерасона** | 871 | 100,0 |
| қарзҳои бонкӣ | 350 | 40,2 |
| истифодаи кортҳои пардохти бонкӣ | 159 | 18,3 |
| саривақт дастрас кардани пули нақд | 187 | 21,5 |
| интиқоли пулии ғайринақдӣ | 91 | 10,4 |
| дигар | 38 | 4,4 |
| ҷавоб мушкил аст | 46 | 5,3 |

Аз маълумотҳои ҷамъбастгардида мушоҳида мегардад, ки ба фаъолияти 350 нафар ё 40,2 фоизи респондентон бештар

хизматрасонии қарзи бонкӣ, 159 нафар ё 18,3 фоиз истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ, 187 нафар ё 21,5 фоиз саривақт дастрас кардани пули нақд, 91 нафар ё 10,4 фоиз интиқоли пулии ғайринақдӣ кӯмак мерасонад. Теъдоди 38 нафар ё 4,4 фоизи респондентон қайд намуданд, ки ба фаъолияти онҳо дигар намуди хизматраснињои бонкӣ кӯмак расонида, 46 нафар ё 5,3 фоизи дигар барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. *(Диаграммаи 13.).*

***Дигараммаи 13. Намуди хизмарасониҳои бонкие, ки бештар ба фаъолияти респондентон кӯмак мерасонад (фоиз)***




Саволи навбатӣ дар пурсишнома бо мазмуни зерин оварда шудабуд: “Оё Шумо мехоҳед аз кортҳои пардохтии бонкӣ дар хариду фурӯши молу ашё, иҷрои кор ва хизматрасониҳо истифода баред?”. Ба саволи мазкур 855 ҷавоб ё 98,5 фоизи ҳаҷми умумии респондентон ҷавоб гардониданд. *(Ҷадвали 14.).*

***Ҷадвали 14. Истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби респондентон дар хариду фурӯши молу ашё, иҷрои кор ва хизматрасониҳо (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | **868** | **100,0** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | **855** | **98,5** |
| **Оё Шумо мехоҳед аз кортҳои пардохтии бонкӣ дар хариду фурӯши молу ашё, иҷрои кор ва хизматрасониҳо истифода баред?** | 855 | 100,0 |
| ҳа | 557 | 65,1 |
| не | 275 | 32,2 |
| ҷавоб мушкил аст | 23 | 2,7 |

Аз шумораи умумии 855 нафар респондентони ба ин савол ҷавоб дода теъдоди 557 нафар ё 65,1 фоизашон қайд намуданд, ки

мехоҳанд аз кортҳои пардохтии бонкӣ дар хариду фурӯши молу ашё, иҷрои кор ва хизматрасониҳо истифода баранд, вале теъдоди 275 нафар ё 32,2 фоиз намехоҳанд аз ин гуна амалиёти ғайринақди истифода намоянд. Шумораи 23 нафар ё 2,7 фоизи респондентон барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. *(Диаграммаи 14.).*

**Дигараммаи 14. Истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби респондентон дар хариду фурӯши молу ашё, иҷрои кор ва хизматрасониҳо (нафар/фоиз)**




Саволи дигар дар пурсишнома чунин оварда шуда буд: «Ба фикри Шумо истифодаи пули нақдӣ аз ғайринақдӣ чӣ бартарият дорад?». Ба саволи мазкур 892 адад ҷавоб пешниҳод гардид, ки нисбат ба ҳаҷми умумии респондентоне, ки дар назарсанҷии мазкур иштирок намуданд 2,8 фоиз зиёд мебошад. Сабаби зиёд будани теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур нисбат ба шумораи умумии респондентон, ин аз ҷониби онҳо озодона интихоб намудани як ва ё якчанд ҷавоб ба саволи мазкур мебошад. Дар натиҷа респондентон низ ақидаи худро ба таври возеҳу равшан нисбати саволи зикршуда иброз намуданд, яъне як ва ё якчанд ҷавобро интихоб карданд,ки ин бартарияти истифодаи пули нақдиро аз ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ боз шаффофтар нишон медиҳад. *(Ҷадвали 15.).*

**Ҷадвали 15. Сабабҳои бартарият доштани истифодаи пули нақд нисбат ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ (нафар/ фоиз)**

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | ***868*** | ***100,0*** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | ***892*** | ***102,8*** |
| ***Ба фикри Шумо истифодаи пули нақдӣ аз ғайринақдӣ чӣ бартарият дорад?*** | 892 | 100,0 |
| бе мушкилий хариду фӯрӯш мекунам | 536 | 60,1 |
| ҳангоми хариди молу ашё фоизи хизматрасонии иловагӣ намегиранд | 112 | 12,6 |
| фаъолияти бонкҳо ношаффоф аст | 96 | 10,8 |
| корти пардохтии бонкиро истифода бурда наметавонам | 85 | 9,5 |
| дигар | 63 | 7,1 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида аз шумораи умумии респондентони дар назарсанҷии мазкур иштирокнамуда теъдоди 536 нафар ё 60,1 фоиз бартарияти истифодаи пули нақдро аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар бе мушкилӣ харду фурӯш кардан, 112 нафар ё 12,6 фоиз дар нагирифтани фоизи хизматрасонии иловагӣ ҳангоми хариди молу ашё, 96 нафар ё 10,8 фоиз дар фаъолияти ношаффофи бонкҳо, 85 нафар ё 9,5 дар истифода бурда натавонистани корти пардохтии бонкӣ ва 63 нафар ё 7,1 фоиз дар дигар сабабҳо меҳисобанд. *(Диаграммаи 15.).*

***Дигараммаи 15. Сабабҳои бартарият доштани истифодаи пули нақд нисбат ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ (фоиз)***




Саволи навбатӣ бо мазмуни зерин дар пурсишнома оварда шуда буд: "Шумо сабабҳои кам истифода бурдани пули ғайринақдиро дар чӣ мебинед?". Ба саволи мазкур аз ҷониби респондентон 871 адад ҷавоб пешниҳод гардид, ки 100,3 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил медиҳад. *(Ҷадвали 16.).*

***Ҷадвали 16. Сабабҳои кам истифода бурдани пули ғайринақдӣ (нафар/ фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштироокнамуда (нафар)* | ***868*** | ***100,0*** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | ***871*** | ***100,3*** |
| **Шумо сабабҳои кам истифода бурдани пули ғайринақдиро дар чӣ мебинед?** | 871 | 100,0 |
| дастрас набудани терминалҳо | 515 | 59,1 |
| маърифати пасти молиявӣ | 129 | 14,8 |
| ба пардохтҳои ғайринақдӣ боварӣ надорам | 106 | 12,2 |
| хароҷоти иловагӣ дорад | 62 | 7,1 |
| дигар | 27 | 3,1 |
| ҷавоб мушкил аст | 32 | 3,7 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида нисбат ба саволи болозикр мушоҳида гардид, ки аҳолӣ сабабҳои кам истифода бурдани пули ғайринақдиро ба таври зерин шарҳ доданд: теъдоди 515 нафар ё 59,1 фоиз дастрас набудани терминалҳо, 129 нафар ё 14,8 фоиз маърифати пасти молиявӣ, 106 нафар ё 12,2 фоиз ба пардохтҳои ғайринақдӣ боварӣ надоштан, 62 нафар ё 7,1 фоиз хароҷоти иловагӣ доштани ин намуди амалиёт, 27 нафар ё 3,1 фоиз дигар сабабҳо ва 32 нафар ё 3,7 барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. (*Диаграммаи 16.*).

***Дигараммаи 16. Сабабҳои кам истифода бурдани пули ғайринақдӣ аз ҷониби аҳолӣ (нафар/ фоиз)***




Саволи охирон дар пурсишнома бо мазмуни зерин ҷойгир карда шуда буд: "Шумо ҳангоми мубодилаи асъор бештар кадом шакли ҳисоббаробаркуниро истифода мебаред?" Ба саволи мазкур 852 нафар ё 98,2 фоизи респондентони дар назарсанҷӣ иштироккнамуда ҷавоб пешниҳод намуданд, ки 98,2 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил менамояд. (*Ҷадвали 17.*).

***Ҷадвали 17. Истифода шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми мубодилаи асъор (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| *Шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда (нафар)* | ***868*** | ***100,0*** |
| *Теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур* | ***852*** | ***98,2*** |
| ***Шумо ҳангоми мубодилаи асъор бештар кадом шакли ҳисоббаробаркуниро истифода мебаред?*** | *852* | *100,0* |
| пули нақди сомонӣ | 532 | 62,4 |
| корти пардохтии бонкӣ | 265 | 31,1 |
| бонки мобилӣ | 26 | 3,1 |
| интернет бонк | 17 | 2,0 |
| ба ин амалиёт эҳтиёҷ надорам | 12 | 1,4 |
| ҷавоб мушкил аст | 63 | 7,4 |

Аз рӯи маълумотҳои ҷамъбастгардида мушоҳида гардид, ки ҳангоми мубодилаи асъор теъдоди 532 нафар ё 62,4 фоиз пули нақди “сомони”-ро истифода бурда, 265 нафар ё 31,1 фоиз корти пардохтии бонкӣ, 26 нафар ё 3,1 фоиз бонки мобилӣ, 17 нафар 2,0 фоиз интернет-бонкро истифода мебаранд. Теъдоди 12 нафар ё 1,4 фоиз иброз доштанд, ки ба ин намуди амалиёт эҳтиёҷ надоранд ва 63 нафар ё 7,4 фоизи дигар барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд.*(Диаграммаи 17.).*

***Диаграммаи 17. Истифода шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми мубодилаи асъор (фоиз)***




Аз таҳлили назарсанҷии мазкур мушоҳида гардид, ки шаҳрвандон хеле дақиқу шаффоф сабабҳои бештар истифода бурдани пули нақд барои таъмини рӯзгорро баён намуданд. Аз ҷумла як қатор камбудиҳое, ки садди роҳи рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мегарданд ҳангоми ҷамъбасти фикру ақидаи респондентон мушоҳида гардид, аз ҷумла: дастрас набудани терминалҳо (515 нафар ё 59,1 фоиз), маърифати пасти молиявӣ (129 нафар ё 14,8 фоиз ), надоштани корти пардохтии бонкӣ (336 нафар ё 38,4 фоиз), истифода бурда натавонистани корти пардохтии бонкӣ (113 нафар ё 12,9 фоиз), хоҳиш надоштани аҳолӣ барои нигоҳ доштани пули нақд дар бонк (588 нафар ё 67,9 фоиз), ба бонкҳо боварӣ надоштани аҳолӣ (444 нафар ё 50,1 фоиз), истифодаи корти пардохтии бонкӣ бештар бо мақсади нақдикунонии маблағ,

аз ҷумла гирифтани музди меҳнат ва нафақа (148 нафар ё 16,1 фоиз) ва ғ.

Дар баробари ин, аз шумораи умумии респондентон 65 фоизашон ошкоро баён намуданд, ки дар хариду фурӯши молу ашё, иҷро кор ва хизматрасониҳо мехоҳанд аз кортҳои пардохтии бонкӣ истифода баранд. Аз ин лиҳоз, баҳри таъмини суботи нишондиҳандаҳои пуливу қарзӣ, инчунин осону оммафаҳм ва дастрас намудани инфрасохторе, ки барои зиёд гардидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёт замина мегузоранд, бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

*Пажӯҳишгоҳи илмӣ тадқиқотӣ,*
*тел: (44) 600-32-83, (44)-600-32-46*